# ХУЛОСАИ
## Шурои диссертатсионии 6D.KOA-019-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм

Парвандаи аттестатсионии № _____
Қарори Шурои диссертатсионӣ аз 16 марти соли 2024, таҳти №47.

Бораи сазовор донистани Қурбонова Афзуна Азимбоевна, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ.

Диссертатсияи Қурбонова Афзуна Азимбоевнаро дар мавзуи «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои тахрибкорӣ мувофиқи қонуни ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ дар таърихи 30.12.2023 сол, суратмаҷлиси №40 аз ҷониби Шурои диссертатсионии 6D.KOA-019-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, кӯчаи Буни Ҳисорак, толори Шурои диссертатсионии факултети хуқуқшиносӣ, Фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Преиденти Ҷумҳурии Тоҷикистон 07 январи соли 2022, таҳти №15/шд) ба ҳимоя қабул карда шудааст.

Довталаби дараҷаи илмӣ Қурбонова Афзуна Азимбоевна 11-уми ноябри соли 1994 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таваллуд шудааст. Мавсуф соли 2012 ба шуъбаи рӯзонаи факултети педагогии Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров аз рӯйи ихтисоси психология дохил шуда, муассисаи таълимии мазкурро соли 2016 бо дипломи аъло хатм кардааст. Ҳамчунин, мавсуф соли 2016 ба шуъбаи рӯзонаи магистратураи Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси ҳуқуқи иқтисодӣ дохил шуда, онро соли 2018 хатм намуда, соҳиби дараҷаи магистри ҳуқуқ гардидааст. Баъди хатми донишгоҳ аз соли таҳсили 2016 то ҳол ба сифати ассистент, муаллими калони кафедраи педагогика ва психология, аз соли 2021 иҷрокунандаи вазифаи мудири кафедраи педагогика ва психология, аз соли 2022 декани факултети педагогика ва психологияи Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар шаҳри Панҷакент фаъолият доранд.

Аз 09-уми октябри соли 2019 ба ҳайси унвонҷӯи шуъбаи ҳуқуқи давлатии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳовадинови Академияи илмҳои Точикистон аз рӯйи ихтисосҳои ҳимояшаванда ба тариқи шартномавӣ қабул гардидааст (фармоиши директори Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳовадинови АМИТ аз 09-уми октябри соли 2019, таҳти №225).

Диссертатсия дар шуъбаи ҳуқуқи давлатии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳовадинови АМИТ иҷро шудааст.

**Роҳбари илмӣ:**

**Қудратов Некрӯз Абдунабиевич** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, сардори раёсати илм ва инноватсияи Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон.

**Муқарризони расмӣ:**

**Назаров Аваз Қувватович** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, мудири кафедраи криминалистика ва фаъолияти экспертизаи судии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,

**Абдуллоев Нозим Саодуллоевич** – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқи ҷиноятии Донишгоҳи (Славяниии) Россия-Тоҷикистон, ба диссертант тақризи мусбат доданд,

**Муассисаи пешбар** – Муассисаи давлатии таълимии таҳсилоти олии касбии «Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон» (ш. Душанбе).

Дар хулосаи мусбат додашудаи муассиса, ки аз ҷониби ташхисгар Котиби Шурои олимони Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, дотсенти кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминология ва психологияи факултети №2 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, полковники милитсия Абдурашидов А.А. омода гардида, аз ҷониби раиси семенари васеи илмӣ-назариявӣ, сардори кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминология ва психологияи факултети №2 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, полковники милитсия Ҳусейнзода С.Ҳ. ва котиби ҷаласа, сардори кафедраи ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятии факултети №2 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, майори милитсия Назруллозода С.С. имзо ва аз ҷониби сардори Академияи ВКД Ҷуҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, полковники милитсия Насуриён П.А. санаи 23.02.2024 сол тасдиқ шудааст, қайд менамояд, ки диссертатсия ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд.

Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, нуктаҳои илмӣ ва пешниҳоду тавсияҳои амалие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, мақолаҳои илмӣ ва маърӯзаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ саҳми шахсии муаллифро тасдиқ менамоянд. Инчунин, тарзи навишт, масъалагузорӣ ва услуби таҳқиқоти илмӣ саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳанд. Довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ доир ба мавзуи диссертатсия ва моҳияти он 9 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 4 адади онҳо дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва тавсиякардаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 5 макола дар нашрияҳои дигар ба табъ расонидааст. Интишороти унвонҷӯ нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, саҳми шахсии муаллифро собит менамоянд.

**Муҳимтарин интишороти унвонҷӯ аз рӯйи мавзуи диссертатсия:**

1. Қурбонова, А.А. Таърихи ташаккул ва рушди ҷавобгарии ҷиноятӣ барои тахрибкорӣ дар қаламрави Тоҷикистон [Матн] / А.А. Қурбонова // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – 2021. – №3 (37). – С. 285-291; ISSN 2308-054X.

2. Қурбонова, А.А. Таҳлили ҳуқуқӣ-ҷиноятии объекти тахрибкорӣ [Матн] / А.А. Қурбонова // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – 2021. – №4/1 (38). – С. 288-293; ISSN 2308-054X.

3. Кудратов, Н.А., Курбонова, А.А. Глобализация как фактор развития транснациональной организованной преступности [Текст] / Н.А. Кудратов, А.А. Курбонова // Законодательство. – 2022. – №1 (45). – С. 118-125; ISSN 2410-2903.

4. Қурбонова, А.А. Тавсифи умумии субъекти ҷинояти тахрибкорӣ [Матн] / А.А. Қурбонова // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – 2022. – №1 (40). – С. 365-370; ISSN 2308-054X.

5. Кудратов, Н.А., Курбонова, А.А. Особенности субъекта измены государства [Текст] / Н.А. Кудратов, А.А. Курбонова // Юридическая наука в XXI веке: актуальные проблемы и перспективы их решений: Сборник научных статей по итогам работы третьего круглого стола со Всероссийским и международным участием (Шахты, 16 марта 2020 года). – Шахты: Общество с ограниченной ответственностью «КОНВЕРТ», 2020. – Том Часть 1. – С. 102-104.

6. Курбонова, А.А. Некоторые вопросы определения субъективной стороны диверсии [Текст] / А.А. Курбонова // Юридическая наука в XXI веке: актуальные проблемы и перспективы их решений: сборник научных статей по итогам работы девятого круглого стола со Всероссийским и международным участием (Шахты: Донской государственный технический университет, 29-30 сентября 2020 года). – Шахты: ООО «Конверт», 2020. – Том Часть 1. – С. 124-126.

7. Қурбонова, А.А. Саломатӣ ҳамчун объекти ҷиноят [Матн] / А.А. Қурбонова // Маводҳои конференсияи дуввуми илмӣ-амалӣ доир ба мавзуи «Ҳуқуқ ва иқтисод: масъалаҳои ҳуқуқии иқтисодиёти рақамӣ» (31 майи соли 2021) / Зери таҳрири доктори илмҳои ҳуқуқ Меликов У.А., номзади илмҳои ҳуқуқ Қудратов Н.А. – Душанбе: «Баҳманрӯд», 2021. – С. 129-134.

8. Қурбонова, А.А. Тавсифи ҳуқуқи ҷиноятии тахрибкорӣ [Матн] / А.А. Қурбонова // Маводҳои конференсияи дуввуми илмӣ-амалӣ доир ба мавзуи «Ҳуқуқ ва иқтисод: масъалаҳои ҳуқуқии иқтисодиёти рақамӣ» (31 майи соли 2021) / Зери таҳрири доктори илмҳои ҳуқуқ Меликов У.А., номзади илмҳои ҳуқуқ Қудратов Н.А. – Душанбе: «Баҳманрӯд», 2021. – С. 118-120.

9. Қудратов, Н.А., Мирзоева, Қ.А., Сафарова, З.М., Қурбонова, А.А. Пешгирии киберҷиноятҳо [Матн] / Н.А. Қудратов, Қ.А. Мирзоева, З.М. Сафарова, А.А. Қурбонова // Рушди технологияҳои рақамӣ дар шароити муосир: маводҳои конференсияи байналмилалии илмию амалӣ бахшида ба «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илм ва маориф» (солҳои 2020-2040), (27-28 декабри соли 2022) / Зери назари доктори илмҳои техникӣ Х.Х. Назарзода, доткори илмҳои иқтисодӣ Ф.Р. Шаропов, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ Н.А. Қудратов. – Душанбе: «ДДТТ», 2022. – С. 255-261.

**Ба автореферати диссертатсия аз ҷониби шахсони зерин тақризҳо навишта шуда, ба Шурои диссертатсионӣ ворид шудаанд:**

**Ғайратов Т.М.** – дотсенти кафедраи ҳуқуқи тиҷоратӣ ва зиддикоррупсионии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, номзади илмҳои хуқуқшиносӣ;

**Оралбаев Х.Х.** – муаллими калони кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ, молиявӣ ва зиддикоррупсионии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ;

**Миралиев С.А. – дотсенти кафедраи ҳуқуқи** Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ.

Ҳамаи тақризҳо мусбат буда, дар онҳо баъзе эродҳои хусусияти баҳснокдошта манзур шудааст. Эродҳо асосан ба масъалаҳои мубоҳисавии диссертатсия, аз ҷумла, оид ба таърихи пайдоиши ҷинояти тахрибкорӣ, мавриди омӯзиш қарор надодани ҷавобгарии ҷиноятӣ барои тахрибкорӣ дар давраи то шӯравӣ, криминализатсия намудани амали тахрибкорона, истифодаи мафҳуми якчандкарата, сину соли субъекти ҷиноят барои тахрибкорӣ ва баъзе нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшударо фаро мегиранд.

**Муқарризон ва муассисаи пешбар** бо назардошти муқаррароти бандҳои 67-70 ва 74-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-уми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, интихоб ва таъин гардидаанд.

Ҳамчунин, интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар бо он асоснок карда мешавад, ки онҳо аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ дар сатҳи дахлдор таҳқиқоти илмӣ анҷом додаанд ва корҳои илмӣ-таҳқиқотии онҳо ба масъалаи гуногуни кори илмии анҷомдодашуда, алоқамандии зич доранд.

**Шурои диссертатсионӣ қайд менамояд, ки довталаби дараҷаи илмӣ дар асоси иҷрои таҳқиқоти илмӣ:**

– таърихи инкишоф ва рушди категорияи тахрибкорӣ дар қонунгузории ҷиноятии Тоҷикистонро мавриди таҳлил қарор додааст;

– қонунгузории ҷиноятии давлатҳои узви ИДМ оид ба ҷавобгарии ҷиноятӣ барои тахрибкорӣ ва дар ин замина пешниҳод намудани тавсияҳои бунёдӣ дар самти мукамалнамоии таркиби м. 309 КҶ ҶТ амалӣ кардааст;

– таҳлили ҳуқуқӣ-ҷиноятии аломатҳои объективии тахрибкориро ҳамаҷониба таҳқиқ карда шудаанд;

– таҳлили ҳуқуқӣ-ҷиноятии аломатҳои субъективии ҷинояти тахрибкорӣ мушаххас карда шудаанд;

– аломатҳои вазнинкунанда ва махсус вазнинкунандаи таркиби ҷинояти тахрибкорӣ мавриди таҳлил қарор дода шудааст;

– намудани тафриқагузории ҷинояти тахрибкорӣ бо терроризм асоснок карда шудааст;

– пешниҳодҳо оид ба такмили қонунгузории ҷиноятӣ вобаста ба ҷиноятӣ тахрибкорӣ коркард ва таҳия шудаанд.

**Аҳаммияти назариявии таҳқиқоти диссертатсионӣ бо он асоснок карда шудааст, ки** дар таҳияи асосҳои назариявии коркарди низоми донишҳои мавҷуда оид ба масъалаҳои мубориза бар зидди тахрибкорӣ ифода меёбад. Инчунин натиҷаҳои таҳлил ба пайдоиши тасаввурот оид ба маҷмӯи воситаҳои қонунии мубориза бар зидди тахрибкорӣ мусоидат намуда, барои таҳқиқоти баъдӣ дар ин соҳа замина мегузоранд.

**Вобаста ба масъалагузории дар диссертатсия ҷойдошта,** ба сифати заминаи методологии таҳқиқот тамоми усулҳои мавҷудаи илми ҳуқуқ оид ба таҳлили зуҳуроти ҳуқуқӣ ва иҷтимоӣ, аз ҷумла, методи диалектикӣ, маҷмӯи методҳои махсуси илмӣ-оморӣ, шаклию мантиқӣ, қиёсию ҳуқуқӣ, таърихӣ, системавию сохторӣ ва ғайра асос ёфтаанд. Инчунин ҳангоми таҳлили

масъалаҳои илмӣ усулҳои махсуси ҳуқуқӣ, аз қабили муқоисавӣ-ҳуқуқӣ истифода шудаанд.

Ҳамчунин, ҷанбаҳои алоҳидаи назариявии таҳқиқотро пажӯҳишҳои олимони ватанӣ, ба монанди ба монанди: В.А. Абдухамитов, У.А. Азиззода, С.К. Балашов, И.Ҳ. Бобоҷонзода, В.П. Емелянов, А.М. Киракосян, А.А Климчук, И.В. Коришева, Н.А. Қудратов, Б.Ш. Қурбонзода, Ю.В. Лутсенко, Ҷ.З. Маҷидзода, А.К. Назаров, Д. Назирова, Р.Ҳ. Раҳимзода, А.И. Сафарзода, К.Х. Солиев, Д.В. Сопов, Д.В. Токмантсев, М.П. Ҳайдарзода, Ш.Х. Ҳафиззода, А.К. Шарипов, Т.Ш. Шарипов ва дигарон ташкил медиҳанд.

**Аҳаммияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дараҷаи илмӣ дар амалия чунин тасдиқ карда мешаванд, ки** хулосаву пешниҳодоти муаллиф метавонанд дар самти такмили фаъолияти қонунгузорӣ дар соҳаи мубориза бо ҷинояткорӣ, аз ҷумла бар зидди тахрибкорӣ, дар амалияи ҳуқуқтатбиқкунии мақомоти тафтишоти пешакӣ ва суд оид ба ошкор, таҳқиқ ва бандубасти ҷинояти мазкур, муайян намудани рақобати меъёрҳо байни тахрибкорӣ ва терроризм, зимни омода намудани қарори Пленуми Суди Олии ҶТ, бо мақсади таъмини татбиқи дуруст ва яксони қонунгузорӣ оид ба ҷавобгарии ҷиноятӣ барои тахрибкорӣ аз ҷониби судҳо мавриди истифода қарор дода шавад.

Маводди таҳқиқоти диссертатсионӣ метавонад дар ҷараёни таълим дар муассисаҳои олӣ ҳангоми тадриси фанҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминология, курсҳои махсуси «Ҷиноятҳо ба муқобили ҳокимияти давлатӣ» ва «Асосҳои илмии бандубасти ҷиноятҳо» истифода шавад.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон доданд, ки:** тавассути истифодаи усулҳои умумиилмӣ ва махсуси илмӣ, таҳлили қонунгузории ватанӣ ва хориҷӣ, омӯзиши адабиёти умумӣ ва махсус оид ба мавзуи таҳқиқот ва рисолаҳои баъзе олимон, ки нуқтаҳои назари илмии муосирро дар бораи институти шартан татбиқ накардани ҷазо инъикос менамояд, ба даст оварда шудааст. Натиҷаҳои илмӣ, пешниҳоду хулосаҳо ва тавсияҳои амалии дар таҳқиқоти диссертатсионӣ пешбинигардида дар асоси манбаи қонунгузорӣ ва амалияи судӣ анҷом дода шудааст.

Эътимоднокии таҳқиқоти диссертатсия, инчунин, аз истифодаи заминаҳои васеи таҷрибавӣ, ки дар шакли маълумотҳои гуногуни оморӣ, ҷамъбасти маводди таҷрибаи судӣ ва таҳлили як силсила парвандаҳои ҷиноятӣ оварда шудаанд, бармеояд. Ҳамчунин, натиҷаҳои таҳқиқоти рисолаи илмӣ ба он хотир эътимодноканд, ки дар асоси таҳлили Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси иҷрои ҷазои ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қарорҳои Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ғайра ба даст омадаанд.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот** дар ҷараёни таҳқиқ муаллифи диссертатсия ба таври кофӣ санадҳои байналмилалӣ, қонунгузории ҷиноятии мамлакатҳои хориҷӣ ва Тоҷикистон оид ба ҷавобгарии ҷиноятӣ барои тахрибкорӣ, хусусият ва дараҷаи ба ҷамъият хавфноки ин ҷиноятҳо дар замони муосир, таҳлили таркиби ҷинояти баррасишавандаро таҳлил намудааст. Ҳамчунин, аз ҷониби диссертант коркарди амалӣ ва назарии тавсияҳо баҳри такмили қонунгузорӣ ва фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунии мақомоти

тавсияҳо баҳри такмили қонунгузорӣ ва фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар самти татбиқи меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ оид ба ҷавобгарии ҷиноятӣ барои тахрибкорӣ пешниҳод гардидааст.

Дар маҷлиси Шурои диссертатсионӣ аз 16-уми марти соли 2024 қарор қабул карда шуд, ки ба Қурбонова Афзуна Азимбоевна дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ дода шавад.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ аз 15 нафар аъзои Шурои диссертатсионӣ, ки бо Фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 07 январи соли 2022, таҳти №15/шд тасдиқ гардидааст 12 нафар иштирок доштанд, ки аз онҳо 5 нафарашон доктörони илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда мебошанд. Аз 12 нафар аъзои Шурои диссертатсионии дар ҷаласа иштирокдошта, овоз доданд: ба тарафдории додани дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ 12 нафар, муқобил – нест, бетараф – нест, бюллетенҳои беэътибор – нест.

**Раиси Шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор** **Шарипов Т.Ш.**

**И.в. котиби илмии Шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор** **Азиззода У.А.**

**16-уми марти соли 2024**